“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент
профессор_____________Ансорӣ М.Қ.
“_13_” ____04______ соли 2021

Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи “Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур барои ҳаллу фасли муаммои нокофӣ мавриди коркард қарор гирифта, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи муосир, истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ҳаллу фасли самараноки муаммои мазкур баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои олӣ вобастагии калон дорад. Зеро дар шароити муосир иттилоотонии соҳаи маориф, умуман дар раванди таълим ва дар мактабҳои олӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад ва он ба баланд бардоштани ҳам сифати таълим ва ҳам дараҷаи салоҳиятнокии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он алоқаманд аст, ки қисми зиёди мутахассисони оянда, чӣ тавре ки пажӯҳиши пешакӣ нишон дод, доир ба истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дараҷаи пасти салоҳиятнокии касбӣ – меҳнатиро доро мебошанд, ки ин ба талаботи имрӯзаи илмӣ – методӣ нисбати омодагии мутахассисони оянда ба фаъолияти касбӣ – меҳнатӣ мувофиқат намекунанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи омодасозии омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳоят мубрам арзёбӣ

мегардад. Дар диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ қоидаҳо ва принсипҳои дидактикии истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим мавриди коркард қарор гирифтаанд, ки онҳо асоси илмӣ – методии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Воситаҳои мултимедиавии таълим дар шароити муосири таълим яке аз воситаҳои самараноки таълим маҳсуб меёбанд, зеро онҳо беҳтарин хусусиятҳои дигар воситаҳои таълимро дарбар гирифта, на танҳо дар якҷоягӣ ва ҳамгиро фаъолият бурдани узвҳои биноӣ ва шунавоиро таъмин менамоянд, балки боз дар азхудкунии моҳият ва мазмуни асосии дониш, иттилоот хизмат менамоянд. Ғайр аз ин воситаҳои мултимедииавии таълим мундариҷаи таълимро барои яклухт, бутун, том мавриди назар намудан ва азхуд намудан имкон медиҳад.

Технологияи аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида тасаввуротро доир ба истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси қонунҳо ва принсипҳои дидактикӣ ниҳоят васеъ ва чуқур менамояд. Он имкон медиҳад, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён дар раванди таълим бо шуурона, фаъолона ва мақсаднок ба омӯзонидан ва омӯзиш машғул гарданд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии М.Ш.Собитов муаммои таҳқиқот аниқу дақиқ мавриди назар ва ҳаллу фасл қарор гирифтааст. Ин ба туфайли дар ягонагӣ ва ҳамгиро мавриди истифода қарор додани методҳои умумиилмӣ ва педагогӣ, назариявӣ ва амалӣ имконпазир гардидааст. Аз ҷониби муаллиф шароити илмии коркард гардидааст, ки он мантиқ ва равиши таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо ба таври бояду шояд мавриди назар менамояд.

Системаи мафҳумҳои асосии таҳқиқот барои мавриди назар намудан ва фаҳмишу истифодаи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олӣ имкон медиҳанд.

Натиҷаҳои ниҳоят назарраси таҳқиқоти мазкур, ба назари мо, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Рисолаи мазкур ба таҳқиқи омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олӣ бахшида шудааст, ки он дар раванди иттилоотонии

соҳаи маориф умуман ва раванди таълим, алалхусус аҳамияти махсуси илмӣ – методӣ касб менамояд.

2. Нақш ва мақоми истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси қоидаҳо ва принсипҳои дидактикӣ мавриди назар гардидааст, ки он ба шуурнокӣ ва фаъолиятнокии омӯзгорони оянда мусоидат намуда, ба инкишофи фарҳанги касбӣ – омӯзгории онҳо ба баланд бардоштани салоҳияти касбӣ – меҳнатии онҳо имкон медиҳад.
3. Шарту шароитҳои дидактикии истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси қоидаҳо ва принсипҳои дидактикӣ аз ҷониби омӯзгорони оянда муайян карда шуда, ҳамчунин дараҷаҳои омодагии онҳо ба ин намуди фаъолияти касбӣ – меҳнатӣ нишон дода шудаанд.
4. Моҳият, мазмуни асосӣ, мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии воситаҳои мултимедиавии таълим аз ҷиҳати илмию – методӣ асоснок карда шудаанд, ки он имкон медиҳад умумият ва фарқияти истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълимро дар фанҳои гуногун дар мактабҳои олӣ муайян карда шавад.

**Арзиши амалии таҳқиқот низ назаррас аст.**

1. Маҷмӯаи моделҳои риояи принсипҳо ва қоидаҳои дидактикӣ мавриди коркард қарор гирифтаанд, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ системаи технологии илмӣ – методиро зимни истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим ташкил медиҳанд, ки он дар асоси ягонагии назария ва амалияи истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим тартиб дода шудааст.
2. Риояи ҳар як принсип ва қоидаҳои дидактикӣ доир ба истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим аз санҷиши таҷрибавӣ озмоишӣ гузаронида шуда, дар амалияи ташаккули касбӣ – меҳнатии омӯзгорони оянда мавриди истифода қарор гирифтаанд.
3. Тавсияҳои методӣ доир ба омодасозии омӯзгорони оянда ба риояи принсипҳо ва қоидаҳои дидактикӣ зимни истифодаи технологияи

воситаҳои мултимедиавии таълим коркард ва аз санҷиши таҷрибавӣ – озмоишӣ гузаштаанд.

4. Зимни корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ роҳу усулҳои самараноки ислоҳ намудани хатогию камбудиҳо ва норасоиҳо ҳангоми истифодаи технологияи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои дидактикӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо барои баланд бардоштани салоҳиятнокии касбӣ – меҳнатии омӯзгорони оянда дар ин самти фаъолият мусоидат менамоянд.

Имкониятҳои истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълимро дар шароити илмӣ – таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назари эътибор гирифта, бояд тазаккур дод, ки тавассути он омӯзгорони ояндаро ҳамчун мутахассиони дорои салоҳияти касбӣ – меҳнатиашон баланд ба воя расонидан имконпазир аст.

Ҳарчанд доир ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷи кишвар миқдори муайяни таҳқиқотҳо мавҷуданд, асосҳои илмӣ – методии он то алҳол ба таври бояду шояд мавриди назар нагирифтааст. Аз ҷониби дигар дар амалияи таълими мактабҳои олии ҶТ дар истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим танҳо қадамҳои аввалин гузошта шуда истодааст. То алҳол зиддияти байни талабот нисбат ба аз ҷиҳати илмию – методӣ асоснок таҳия ва истифода намудани воситаҳои мултимедиавии таълим дар мактабҳои олӣ ва ба дараҷаи нокофӣ мавриди коркард қарор гирифтани он дар илми педагогика мавриди ҳаллу фасл қарор нагирифтааст.

Ҳаҷм ва тарҳи рисолаи диссертатсионӣ тавассути мантиқ ва равиши ҳаллу фасли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ муайян карда мешавад. Рисолаи диссертатсионии мазкур аз муқаддима, ду боб ва хулоса иборат аст. Номгӯи адабиётҳои мавриди истифода қарор гирифта аз 256 манбаъ иборат аст. Рисолаи диссертатсионӣ аз 17 ҷадвал ва 24 расм иборат аст.

Матни рисолаи диссертатсионӣ бе номгӯи адабиётҳо аз 198 саҳифа иборат аст.

Дар боби якум "**Асосҳои назариявии риояи принсипҳо ва қоидаҳои таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар раванди таълим**"

тавсифи системаи сигнлҳои якум ва дуюм, афзалияти физиологӣ – равоншиносии фаъолияти якҷояи узвҳои биноӣ ва шунавоӣ дар қабули иттилооти таълимӣ, таҷрибаи омӯзгорони навовари равияи "педагогикаи ҳамкорӣ" доир ба муаммои таҳқиқот ва тавсифномаи принсипҳо ва қоидаҳои таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим мадди назар гардидааст.

Боби дуюм "Мундариҷа ва технологияи корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ бо омӯзгорони оянда доир ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим" дар раванди таълим ба тавсифи методикаи омодасозии омӯзгорони оянда ба риояи ҳар як принсип ва маҷмӯаи қоидаҳои дидактикӣ зимни таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим бахшида шудааст. Нишон дода шудааст, ки таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим ба фаъол гардидани фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ, ба рушди фарҳанги таълимӣ, баланд гардидани салоҳияти касбӣ – меҳнатии омӯзгорони оянда мусоидат менамояд. Таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси риояи қоидаҳо ва принсипҳои дидактикӣ ба омӯзгорони оянда имкон медиҳад, ки дар асоси он ҳалли мақсад ва вазифаҳои таълимиро бомуваффақият ба сомон расонанд. Нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои омодагии омӯзгорони оянда ба ин самти фаъолият имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии онҳо аниқу дақиқ муайян карда шавад ва чораҳои иловагии таълими методӣ барои баланд бардоштани салоҳиятнокии касбӣ – меҳнатӣ доир ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим андешида шавад.

Дар хулоса натиҷаҳои қисмҳои назариявӣ эмприкии таҳқиқот, ҷамъбаст карда шуда, дурнамои ҳаллу фасли муаммо нишон дода шудааст.

Омӯзгорониояндаи ҳам мактабҳои олӣ ва ҳам мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бояд на танҳо аз воситаҳои тайёри таълим истифода бурда тавонад, балки боз мустақилона воситаҳои таълимро, ки ба талаботҳои илмӣ – методӣ ҷавобгӯ бошад, таҳия карда тавонад. Дар ҳамин замина, таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои диактикӣ, бешубҳа, алалхусус дар шароити иттилоотонии раванди

таълим мубрамияти махсусро доро мебошанд. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи мазкур намунаи ибрат мебошад ва тавассути он омодасозии омӯзгорони ояндаро ба фаъолияти касбӣ – меҳнатӣ баланд бардоштан имконпазир аст.

Мураккабият ва бисёрҷанба будани муаммои таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълимро ба инобат гирифта, дар оянда идома додани таҳқиқоти мазкур дар дигар самтҳо ва ҷанбаҳо мувофиқи мақсад мебуд.

Дар айни замон, дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ – методии таҳқиқоти мазкур, ки мо онҳоро таъкид намудем, дар кори мазкур камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд.

1. Вобаста ба он, ки таҳқиқоти мазкур дар шароити илмӣ – таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, бамаврид мебуд, ки корҳои олимони Тоҷикистон низ зикр карда мешуд.
2. Кори озмоишӣ – таҷрибавӣ, ки аз ҷониби муаллиф ташкил ва гузаронида шудааст, асосан дар шароити илмӣ – таҳсилотии мактабҳои олии вилояти Суғд, алалхусус МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ташкил ва гузаронида шудааст. Бояд ки таҷрибаи кории дигар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба инобат гирифта мешуд.
3. Баъзе натиҷаҳои техникӣ ва ҳамчунин китобатию услубшиносӣ ба назар мерасанд.
4. Хуб мешуд, амалияи истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим бештар, васеътар ва чуқуртар мавриди назар мегардид.

Эродҳои зикргардида ба баҳои умумии мусбии кор таъсир намерасонанд ва дараҷаи илмӣ – назариявии онро паст намекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии мазкурро ҳамчун ҳисса ба инкишофи илмӣ – педагогӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ин бо 9 кори илмӣ – педагогӣ тасдиқ карда мешавад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардидааст, ба матни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи “Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон" таҳқиқоти баитмомрасидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллифи он шоистаи гирифтани унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси кафедраи педагогика-психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо иштироки диссертант Собитов Мазбут Шавкатович баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок намуда, 14 нафар овоз додаанд, ки натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"-14 нафар, "бетараф"-нест, "муқобил"-нест, ки дар протоколи №9 аз 12.04.2021сол инъикос ёфтааст.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ
мудири кафедраи педагогика-психологияи
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар
шаҳри Панҷакент: Ғаффоров Мизроб Ҷалилович

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ: Сироҷзода Фотима Сироҷ

Эксперт,
номзади илмҳои педагогӣ: Мақсудов Зафарҷон Очилдиевич

Имзои М.Ҷ. Ғаффоров, Ф.С. Сироҷзода,
З.О.Мақсудов - ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои ДОТ дар
шаҳри Панҷакент Тоҳирова У.К.

Нишонӣ:735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106.
Тел: +992(3475) 5-40-50, 5-32-69.
E-mail: tou@bk.ru: dotpanj@gmail.com: www.Dotpanj.tj